*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

30 сентябри соли 2025

№ 15-16 (233-234)

## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА РӮЗИ ОМӮЗГОР

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгор, ки имсол ҳарду ҷашн ба 5-уми октябр рост омадаанд, самимона муборакбод мегӯям.

Тавре маълум аст, мақсад аз ҷашн гирифтани Рӯзи забони давлатӣ аз як тараф, гиромӣ доштани забони ноби модарӣ ва аз ҷониби дигар, муносибат ба тавсеаи доираи истифодаи он ва татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар робита ба ин, ҳар яки мо вазифадорем, ки баҳри ҳифзу тозагии забони давлатӣ, аз ҳарвақта дида кӯшиши бештар ба харҷ диҳем ва чун ниёгонамон онро ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

Забони давлатӣ, ки таърихи беш аз шашҳазорсола дорад, роҳи пуршебу фарозеро тай намудааст ва барои худшиносию худогоҳии халқи тоҷик нақши барҷаста бозидааст.

Президенти маҳбуби кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки беҳтарин донандаи забони нобу шоиронаи тоҷикӣ мебошанд, дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуданд ки: “Забони модариро дар сатҳи аъло донистан, онро дӯст доштан, бо ин забони ширину шево дурусту равону зебо сухан гуфтан ва асари адабӣ эҷод кардан камоли эътиқоду эҳтиром ба Ватан-модар ва далели ҳисси баланди миллӣ мебошад”.

Боиси ифтихор аст, ки давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди забони давлатӣ, таърихи ташаккули он таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир намуда, оид ба эҳё ва густариши забони давлатиамон силсилаи тадбирҳои судмандро амалӣ намудаанд, ки Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (замимаи №1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №268) Аломати китобати забони тоҷикӣ (замимаи №2 бо қарори зикргардида) аз ҷумлаи онҳост.

**Устодони арҷманд!**

Дар мукаммал гардонидан ва тозаву беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ саҳми омӯзгорон ҳамчун зиёиёни пешқадам бисёр бузург аст, зеро пайваста ба он сару кор дошта, тарзи дуруст баён намудани иборaю калимаҳоро ба хонандагону донишҷӯён меомӯзонанд. Дар ҳақиқат омӯзгорӣ пешаи хеле заҳматталаб ва муқаддастарин касби рӯи олам аст ва мову шумо омӯзгорони гиромӣ аз ҷумлаи хушбахттарин нафароне ҳастем, ки ин касби пуршарафро интихоб карда,



дар таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи замон ҷавобгӯ саҳми арзишманд гузошта истодаем.

Омӯзгор шахсест, ки кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он мароқ зоҳир мекунанд ва бо боварӣ фарзандони худро барои гирифтани дониш ва мутахассиси хуб шудан назди ӯ амонат мегузоранд ва ифтихор ҳам доранд, киояндаи фарзандонашон дурахшон аст.

Воқеан ҳам, омӯзгорӣ касби пуршараф буда, аз соҳибонаш сабру таҳаммул, масъулият ва заҳмати зиёдро талаб мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маорифро соҳаи афзалиятнок дониста, нисбати омӯзгорон пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд, дар суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш (1-уми сентябри соли 2025) чунин иброз доштанд: “Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад. Хиради омӯзгор ҷаҳлу хурофотро аз байн мебарад ва сарчашмаи комёбиҳо мегардад. Дар бартарафсозии тамоми мушкилоти миллату давлат, пеш аз ҳама, омӯзгорон саҳмгузоранд.

Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст”.

Чунин баҳои баланд ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат ба омӯзгорон ҳар яки моро муваззаф менамояд, ки савияи донишу маҳорати касбиамонро боз ҳам баландтар бардошта, мутахассисонеро омода намоем, ки ҷавобгӯ ба талаботи замон бошанд.

Бовар дорам, ки шумо омӯзгорони муҳтарам, бахусус, мутахассисон ва олимону муҳаққиқони соҳаи забон минбаъд низ баҳри ҳифз, риоя намудани меъёрҳои забони давлатӣ, беолоиш нигоҳ доштан ва рушду такомули он саҳми арзишманд мегузоред.

Зеро дар замони муосир, хусусан дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, дар соҳаи забон ва забоншиносӣ тамоюлҳои манфӣ, ба монанди содасозии баён, бемаънигӯӣ, беарзишии сухан ва нобудшавии гуфтори фасеҳ мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки забон яке аз унсурҳои муҳимтарини фарҳанг ва муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат аст.

Илова бар ин, забон, на танҳо ифода ва ба воқеият табдил ёфтани фикр, балки баёни дурусти андеша буда, дар рушди тафаккур метавонад саҳми назаррас дошта бошад. Имрӯз, ки мо дар рӯёрӯи таҳдиди раванди глобализатсионӣ қарор дорем ва ҳар лаҳза таҷовузҳои фарҳангиро эҳсос менамоем, зарурати рӯй овардан ва таҷдиди назар намудани масоили фарҳангӣ, дар асоси сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ муҳиму зарурӣ мебошад.

Бори дигар ҷашнҳои Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгорро бароятон муборакбод мегӯям!

## БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЗАБОНИ АҲЛИ БИҲИШТ

Дар ҷомеа қадру қимат ва аҳаммияту эътибори забон назир надорад. Дарёфти зинаҳои баланди илму маърифат, кашфи асрори қабат-қабати замин ва расидан то моҳу азми парвози сайёраҳои дигарро доштани одамон ба воситаи забон аст. Дар ҳақиқат, забон омили асосии эҷоди фарҳанг, нахуствасилаи рушду инкишофи ҷамъият буд, ҳаст ва ҳамчунон хоҳад монд.

Банди дуюми моддаи сеюми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳар як тоҷику тоҷикистониро вазифадор менамояд, ки забони давлатиро донад ва банди шашуми он ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи ҳатмии муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабиро таъкид менамояд. Ҳамчунин «Забон рукни асосии миллат аст. Ҳар ки ба қадри забон нарасад, ба қадри ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас намерасад. Охир, забон модар аст, забон таърих аст, забон маданият аст, забон тақдир аст» гуфтани забоншиноси маъруфи тоҷик Шарофиддин Рустамов (рӯҳашон шод бод) беҳуда нест. Аз ин рӯ, ҷомеа аз вазъи забони миллӣ, муҳимтарин масъалаҳои пешрафти он бояд огаҳӣ дошта бошад ва дар ҳаққи забон ғамхорӣ зоҳир намояд, барои ин ки забони миллӣ тавоно, зебову шево гардад, мусоидат кунад. Дар навбати худ, ин ҳама ҳар яки мо – соҳибони забонро ба иҷрои ду вазифаи муҳим водор месозанд:

Якум, бояд забони адабиро хуб омӯзем, ки барои раҳоӣ аз нуқсонҳои фарҳангӣ ва расидан ба қуллаҳои баланди илму маърифат мадад хоҳад расонд.

Дуюм, ба забони модарии худ садоқат ва муҳаббати беинтиҳо дошта, онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунем, дар роҳи тозагӣ ва равнақи минбаъдааш пайгирона кӯшем ва поку беолойиш ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Ҳангоме ки ба суҳбати бархе аз олиму омӣ, пиру барно, зану марди тоҷик гӯш меандозед, ба як забони омехтаи берабту бемантиқ бо сад азобу ишораҳои дасту чашму рӯю абрувон ифода кардани мақсадашонро дида, ғашатон меояд. Бар болои мубодилаи афкор бо забони шеваву лаҳҷа боз “абидно, абсолютна, аферист, боевик, битком, варени, вернее, версия, висши, вобше, вечна, дажи, данниҳо, деловой, ёмкост, ерунда, жалка, жертва, задержка, заказ, залог, заложник, инсиатива, казёл, как будто, конкретна, корочи говоря, лично, марли,




мусур, настроени, неужели, негодни, падазрени, палнамочи, прадаётся, ситуатсия, слишком, турба, тупой, тӯлка, шустри” барин вожаҳои вайрону шикастаи русиро истифода мебаранд. Агар захираи луғаташон

с. 2

# ЗАБОНИ АҲЛИ БИҲИШТ

(Аввалаш дар саҳ. 1)

кифоят накунад, “Вая вай куним вай мешад” мегӯянду мемонанд. Агар эрод гирифта монед, “Тоҷикӣ ҷудо қин”, “Ба русӣ адат кардагӣ”, “Адабча гап зада наметавонем”, “Ба тоҷикӣ калима нест”-гӯён худро сафед карданӣ мешаванд.

Охир, ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ “Шоҳнома”-и безаволи хешро комилан бо забони форсии дарии тоҷикӣ (мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, то панҷ фоиз вожаҳои иқтибосии арабӣ истифода кардаасту халос) эҷод намудааст. Ногуфта намонад, ки бо тасвиру баёни манзуми афсонаву воқеаҳои таърихӣ, муҳорибаву саҳнаҳои ишқӣ, манзараҳои табиату дарбор, муколамаву мунозираҳо Аҷамро бад-ин порсӣ зинда гардонидааст. Рӯдакиву Хайём, Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомиву Бедил, Айниву Турсунзода бо ҳамин забон машҳури олам гардидаанд. Забони форсии дарии тоҷикӣ аз даврони салтанати Сомониён то Манғитиён забони расмию давлатӣ маҳсуб мешуд ва ҳокимони тоҷику ғайритоҷик санадҳои худро бо ин забон таҳия месохтанд. Забони тоҷикӣ беш аз 200 ҳазор калима дошта, яке аз забонҳои бойтарини дунё ба ҳисоб меравад. Аз “Луғати фурс” то “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” луғатномаҳое дорем, ки баъзе халқу миллатҳо орзу ҳам карда наметавонанд.

Бо сад сӯзу гудоз “Оҳ, оҳ, агар мо ҳама ... медонистем, ки сарчашмадори забони форсии дарӣ - забони аҳли биҳишт, забони париён, забони зиндасоз ва зинданигоҳдори Аҷам, забони... наҷибзодагоне мисли Низомӣ, забони рӯҳияи Алломаи Иқбол мо... будаем, ...имрӯз онро ба чунин хорӣ, забунӣ, паршикастагӣ, бемоягӣ ва бебизоатӣ намекашондем” гуфтани устоди шодравон Лоиқ Шералӣ ҳар як фарди тоҷикро бетарафу ором гузошта наметавонад. Аз ин лиҳоз, барои он ки забони поку мусаффою бойи аз устод Рӯдакиву устод Айнӣ ба мерос гирифтаамонро ба ояндагони худ чунин софу беолойиш гузорем, моро зарур аст, ки аз се сарчашмаи омӯзиши забони адабӣ: аввалан, сабақҳои макотиби миёнаву олӣ, аз ҷумла дарсҳои забону адабиёти тоҷик; сониян, суханронии тоҷикии салису холиси устодони сухан, аҳли илму адаб ва, ниҳоят, китобҳои тоҷикӣ - ҳам илмиву адабӣ ва ҳам публитсистию оммавӣ пурсамар истифода барем. Чунки “Забони модарии худро, ки аз аллаҳои ҳаловатбахши модар дар сари гаҳвора паёпай ба ҷисму ҷони кас маскан мегирад, дӯст надошта, мамлакати худ, халқи худ, анъанаҳои мадании ниёгони худро дӯст доштан ва ҳурмат кардан мумкин нест” (Р.Ғаффоров). Ин меҳру муҳаббат ба омӯзиши фаъолонаи забони модарӣ, ба парваридани ҳисси сухандониву сухансанҷӣ дар худ, ба ҳифзи далеронаи вай аз вайронию олойиш зоҳир мешавад. Ҳар кас, ки аз иҷрои ин талабҳо сар мепечад, маҳкуми нафрин ва сарзаниши сахт аст. Мирзо Абдулқодири Бедил низ ба ҳамин маънӣ гуфта буд:

**Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст,**
**Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.**

**Исматҷон ПӮЛОДОВ,**
**сармутахассиси шуъбаи таҳлилӣ ва кор бо ВАО-и ФДТТ дар шаҳри Исфара**

# МАҚОМИ ОМӮЗГОР ДАР ҶОМЕА

Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 34 соли соҳибистиқлолии мамлакат дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи муосири кишвар ба таври возеҳу равшан эҳсос карда мешавад. Аз ҷумлаи онҳо барқарор намудани сулҳу суботи комил, пойдории ваҳдати миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ ва болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ мебошад.

Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштан: “Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад”.

Омӯзгорӣ аз бошарафтарин касб дар ҳама давру замон ба шумор рафта, машаққати зиёдро дар тарбияи насли наврас, ки ояндасози миллатанд, талаб менамояд. Таърихи мактабу маориф, мактабшиносӣ дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъият рушди бемайлони соҳаи маорифро дар сатҳи гуногун ёд дорад. Марҳилаи имрӯзаи инкишофи назария ва амалияи низоми мактабу маориф, ки таълиму тарбия ҷузъи таркибии он аст, бо саъю талошҳои Сарвари давлат ҷиддан вобаста мебошад. Пешаи омӯзгорӣ чун қуллаи нурафканест, ки тамоми касбу вазифаҳои олам аз он сарчашма мегиранд. Аз ин лиҳоз, саромади педагогика Ян Амос Каменский (1592-1670) ба касби ифтихорманди омӯзгорӣ баҳои арзанда дода, чунин гуфтааст: «...ба муаллимон вазифаи беҳтарине супорида шудааст, ки болотар аз он дар зери хуршед чизе буда наметавонад».

Дар воқеъ, ихтисоси омӯзгорӣ ба маънои томаш касби басо пуршараф, масъулиятнок ва зарурии ҷомеа аст, зеро агар инсоният бо ақлу заковат ва заҳмати худ табиатро тағйир диҳад, муаллим бо донишу маҳорати волои хеш табиати худи инсонро ташаккул медиҳад. Зеро, пойдорӣ, устувории ҳар ҷомеа, аз сиришту солимии наслҳои баруманда вобаста мебошад. Маҳз наслҳои солимфикр, соҳибмаълумоту дорои ҷаҳонбинии комил, метавонанд суръати киштии миллатро бидуни каҷу килебиҳо рост сӯи соҳили матлаб биронанд. Сиришти чунин наслҳои олимақом аз бисёр ҷиҳат ба заҳмати фидокоронаи муаллимони олиқадр вобаста аст. Омӯзгор дар рушду нумӯ ва иқтидору устувории кишвар нақши бузург дорад!

Албатта, пешаи омӯзгорӣ таъмингари шуои илму маърифати ҷомеа аст.

Ба ин мазмун, пешаи муаллимӣ ҳирфаест, ки таҷассумнамои ин гуфтаҳои мухтасар перомуни шахсиятанд. Муаллим шахси донишмандро гӯянд ва аз тавзеҳи классикии калимаи мазкур бармеояд, ки мазмун дар ҳарфҳои он нуҳуфтааст : -
-(мим)- маърифат, дониш, зеҳн...; - (айн) –ақл, хирад ...; - (лом) – лафз; -(мим) маъно .

Акнун шарҳи ҳарфҳои “ муаллим’’- ро дар риштаи тавсиф агар пешниҳод намоем: муаллим қувватбахшандаи нерӯи зеҳнии инсон буда, ба василаи маърифат, ақлу хирад, қобилияти фикрӣ ва лафзи саршор аз муҳаббату маънӣ шахсро ба камолот мерасонад.

Бояд гуфт, ки мақоми аҳли илм ва дониш дар таълимоти Исломӣ низ то ҷое баланд аст, ки Худованд онҳоро дар канори молик ва ё фариштагон зикр менамояд: (Куръон сураи 3; ояти 18).

Инчунин, таъкид намудан ба маврид аст, ки дар ҳадиси Паёмбари ислом (с), ки дар китоби «Ҷомеъ-ус-саҳеҳ»-и Ал-Бухорӣ оварда шудааст, доир ба мақоми омӯзгор дар ҷомеа чунин зикр гардидааст: «Муаллимон беҳтарин одамонеанд, ки ба рӯи замин мераванд”.

Алалхусус, илми тарбияи насли наврас дар Машриқзамин қариб се ҳазор сол пеш, ҳамчунин дар китоби «Аваcто» арзи вуҷуд мекунад – «гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек». «Агар тамоми китобҳои Шарқу Ғарбро варақ – варақ биҷӯед, волотаре, арзандатаре, гуворотаре аз ин се ибора пайдо намекунед» (Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. Душанбе, 1997, саҳ. 45). Яъне метавон гуфт, ки дар таълимоти зардуштиён, хосатан дар китоби муқаддаси «Авасто» доктринаи мукаммали низоми маорифи миллӣ вуҷуд дорад. Далели гуфтаҳои боло ин аст, ки мавқеи омӯзгор дар ин доктрина муайян гардида то ҳадде, ки номҳои чанде аз омӯзгорон хосатан зикр ёфтаанд. Аз ҷумла олимон, файласуфон, адибон, мутафаккирони классики тоҷику форс, ки аз муваффақтарин муаллимони даврони хеш ва саромади касби пуршарафи омӯзгорӣ ҳисоб меёбанд, дар асарҳои илмӣ, назмию насрии худ масъалаҳои марбути илмӣ, таълиму тарбия хеле фикрҳои муфид гуфтаанд.

Инчунин афкори педагогии Шоҳиди Балхӣ (879-937), Абӯшукури Балхӣ (915-вафоташ номаълум), Дақиқӣ (соли таваллудаш номаълум – вафоташ тақрибан 977-79), Фирдавсӣ (934-1021), Ибни Сино (980-1037) ва дигарон нисбати тарбияи насли наврас аҳаммияти худро ҳоло ҳам гум накардаанд.

Афкори педагогии халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле ғанӣ аст. Бештари асарҳои вакилони барҷастаи адабиёти классикии тоҷику форс, ки роҷеъ ба масъалаҳои одаму одамгарӣ, адолату некӯкорӣ, илму маърифат, фазлу адаб, ҷавонмардӣ, донишу амал – ҳамаи намудҳои тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Чунончи, «Тадбири манзил», «Шифо», «Урҷуза фит – тиб», фаслҳои аввали «Ал-қонун»-и Ибни Сино, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» - и Носири Хисрави Қабодиёнӣ (1004-1088), «Бӯстон» ва «Гулистон» - и Саъдии Шерозӣ (1203/8-1292), «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 – 1492) ва дигарон.

Ҳамчунин, дигар асарҳои хоси парвариши панду ахлоқи ниёгон, аз қабили «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус», «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ» - и Ҷалолиддини Давонӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон дар тарбияи наслҳои имрӯзу оянда, аҳаммияти бузург доранд. Баъзе ин асарҳо дар давоми қарнҳо дар мактабу мадрасаҳо ҳамчун дастури таълимӣ ва дар хонаводаҳо, ба хусус барои волидайн, ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон истифода шуда омадаанд. Бояд гуфт ки классикони адабиёти тоҷику форс, ҳамеша ҷамъияти адолатпаноҳу беистисморро орзу мекарданд ва билохира итминон доштанд, ки оқибат дар ҷомеа ақлу хиради инсон ва адолат тантана мекунад.

Аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино оид ба тамоми намудҳои тарбия, фикрҳои муфид баён кардааст, ки имрӯз ба дарди касби педагогӣ низ даво аст. Аз онҳо фақат чанд лаҳзаи марбутро зикр кардан кифоя аст, ки бо гуфтаҳои боло ҳамоҳангӣ доранд:

а). Ибни Сино тарафдори таълими марбут ба қобилияти шогирдон буд. Дар рисолаи «Тадбири манзил» навиштааст: «Устод, бояд бидонад, кӣ наметавонад ба ҳар шогирд ҳар санъатеро таъмин кунад, балки дар кадом аз шогирдон завқу шоистагии омӯхтан ва фаро гирифтани санъати махсусро доранд. Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш санъат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад»

б). Мутафаккири бузург бар муқобили таълими инфиродӣ таълими гурӯҳиро, ки дар замони мо маълум ба таълими коллективист, ташвиқ мекард. Ибни Сино калимаи «синфро» ифода накардааст, вале ифодаи «таълими гурӯҳии» вай маънои «дарси синфии» баъди 700 сол дар Аврупои Ғарбӣ арзи вуҷуд намуда мебошад (Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 2001, саҳ. 17).

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (1218-1293) дар «Ахлоқи Носирӣ» фикри Ибни Синоро тақвият дода, «табиати кӯдак ва сиришти ӯро» ба назар гирифта менависад: «Беҳтар ва шоистатар он аст, ки ба табиати кӯдак, назар ва тариқи фаросату зиракии ӯ эътибор диҳанд ва донанд, ки истеъдод чӣ навъ илму ҳунарро барои ёд гирифтан дар ниҳоди ӯ сиришта бошад, ӯро ба он навъи ҳунар машғул гардонанд. Зеро ҳама кас ба ёд гирифтани ҳама чизҳо истеъдод надорад» (Афзалов Х. Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик –Душанбе: «Маориф» 1994, саҳ 79).

Мусаллам аст, ки фаъолияти омӯзгорӣ асосан аз ду самт ё, ки ҷанбаҳои муҳим иборат аст: таълим ва тарбия. Ин ду самт ба якдигар пайванди узвӣ доранд ва якеро бе дигаре наметавон тасаввур кард. Омӯзгори асил бояд ин пайвастагиро ҳамеша дар мадди назар дошта бошад.

Азбаски омӯзгор машъалафрӯзи ҷаҳони маънавӣ ва нурбахши зиндагӣ маҳсуб мешавад, ин рисолат ӯро дар ҷомеа сазовори обрӯ ва эҳтироми хоса гардонидааст.

Омӯзгор, пеш аз ҳама, афрӯзандаи ҷароғи дурахшони илму дониш аст ва хушбахтона, қисми асосии зиёиёни кишварро омӯзгорон ташкил медиҳанд.

Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзгор, дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин таълими одоб ва ҳидояту раҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад. Ин амр бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти муаллим табдил ёбад. Ба қавле омӯзгор дар ҷомеа як нурест, ки аз равшаниаш дигарон баҳравар мешаванд ва он нурро дар ҳаёт, дар зиндагии худ меафрӯзанд. Омӯзгор ҷароғи илму маърифат аст. Вақте ки мо аз мактаби омӯзгории устоде ёдовар мешавем, хотираҳои неки ӯ ва он сахтгириҳое, ки устод баҳри омӯхтани илмӯ донише, ки мо аз худ кардаем ва ба ин рӯзҳо расидаем дошт пеши назарамон меояд ва аз чашмонамон ашк ҷорӣ мешавад ва мегӯем: беҳтарин устод буд.

**Муаллим раҳнамои беҳтарин шуд,**
**Ба ангушти дилаш дониш нигин шуд.**




**Чу роҳи растагорӣ менамояд,**
**Сазовори ҳазорон офарин шуд.**

Муаллим аз ҳар як норасоиву носазоиҳо ва беаҳаммиятии шогирдони худ ба изтироб меафтад. Қуввати худро барои тарбияи фарзанди мардум дареғ намедорад. Устод бо машаққатҳои зиёду бепоён шогирдонро ба воя расонида, соҳибмаълумот мегардонад ва ҳар илме, ки дар ҷавонӣ аз бар мекунанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд. Ба қавли Шайх Саъдии бузургвор, ки гуфтааст:

**Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,**
**Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.**

Даме ки устод шогирди ба ҷон парвардаашро рӯи коре мебинад, беихтиёр мефахрад, ки нахли парвардааш самаре додааст. Меболад, ки тавонистааст, маҳсули заҳмати беандоза ва дастранҷи заҳматталаби хешро бо бузурге пайваста.

Хушбахт онест, ки сазовори номи бузурги устодӣ ё омӯзгорӣ гаштааст. Омӯзгорӣ касби ниҳоят пуршараф аст ва омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Аммо донистану аз худ кардани навоварию ҷамъи рафтору гуфтори нек ба кас ба осонӣ муяссар намешавад. Чандон осон нест, ки аз тифле, ки аз олами маънӣ хабаре надорад, олиме сохт. Даме, ки шогирди муаллим шахси обрӯманд мегардад, бевосита аввалиндараҷа номи муаллимашро мегирад ва аз ӯ розист, ки алфози накӯяш омӯхт. Устод ба роҳи рост ҳидояташ намекард, ҳеҷ гоҳ шарафманду комёб намегашт. Заҳмати беандозаи омӯзгори бузург тавонист роҳбалади шогирди пурзаковат гашта, соҳибмаълумоташ гардонд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ба арсаи сиёсат қадам гузоштан соҳаи маорифро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатдории хеш эълон дошта, ба таҷдиди мактаб ва таълиму тарбия таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Бисёр хуб мешуд, ки барои баланд бардоштани касбияти омӯзгорон ва аз донишҳои замонавӣ қафо намондан худомӯзиро пешаи худ намоем ва боз як робитаи солиму мустаҳкаме омӯзгор бо волидон дошта бошанд то ки ҳар яке масъулияти худро дар назди миллату давлат бо сарбаландӣ иҷро намоянд.

**Шоимардзода Муаззама,**
**муаллими забани давлатии Литсейи инноватсионии Душанбеи назди ДТТ**

# ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ТАҲСИЛОТӢ БО НАМОЯНДАГОНИ СОҲАИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ЧИНДУИ ЧИН





Санаи 17-уми сентябри соли 2025 ҷиҳати густариши ҳамкориҳо бо ташкилоту созмонҳо ва муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Мардумии Чин, бахусус, омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат дар самти технологияҳои инноватсионию рақамӣ, киберамният, зеҳни сунъӣ, табодули таҷрибаи устодон ва роҳандозии лоиҳаҳои муштарак дар самти робототехника ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо намояндагони соҳаи маорифи ноҳияи Чиндуи шаҳри Сянян, ки таҳти роҳбарии ҷонишини котиби Кумитаи ноҳиявии Чиндуи Ҳизби Коммунистии Чин Лю Ханг, ректори Маркази таълимии касбӣ-техникӣ Чен Хонг, директори бюрои маориф Дуан Минхуэй ва директори Маркази рушди саноати рушдёбандаи ноҳияи Чинду, ки ба донишгоҳ ташриф оваранд, вохӯрии судманд баргузор намуд.

Зимни мулоқот Раҳмонзода З.Ф. ташрифи меҳмононро ба донишгоҳ қадами муҳим дар тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи судманд арзёбӣ намуда, онҳоро бо дастовардҳои таълимию илмӣ ва дар доираи васеи ҳамкориҳо бо созмону ташкилотҳои байналмилалии донишгоҳ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо, ба хусус дар соҳаҳои саноати хӯроквории, саноати сабук ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шинос намуд.

Инчунин, омодагии роҳбарияти донишгоҳро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои дучониба дар самти пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ, мубодилаи академӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо барои татбиқи зеҳни сунъӣ, робототехникаю мехатроника, дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард ва иштирок дар озмунҳои грантии Ҷумҳурии Мардумии Чин ибрози ақида намуд.

Дар навбати худ меҳмонони чинӣ доир ба имкониятҳои марказҳои таълимии касбӣ-техникӣ ва рушди саноати рушдёбандаи ноҳияи Чинду ҷиҳати ташкили мубодилаи академӣ, ба роҳ мондани сафарҳои омӯзишии дутарафаи муҳаққиқон, идомаи таҳсили донишҷӯён, ҳамкориҳои саноатӣ ва роҳҳои дигари вусъат бахшидани ҳамкориҳо пешниҳодҳо манзур намуданд. Илова бар ин, аз ҷониби меҳмонон роликҳои тарғиботии шаҳри саноатии Чинду ва Маркази таълимии касбӣ-техникӣ ба самъи иштирокчиён вохӯрӣ расонида шуд.

Сипас, шартномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Маркази таълимии касбӣ-техникии ноҳияи Чинду ба имзо расонида шуд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ба меҳмонон ҳамчун рамзи дӯстӣ тӯҳфаи хотиравӣ тақдим гардид.

"Фановар"

# ВОХӮРӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДАР ХОБГОҲИ ДОНИШГОҲ ИСТИҚОМАТКУНАНДА



**15-уми сентябри соли 2025 бо ибтикори идораи ташкилию тарбиявии донишгоҳ, шуъбаи татбиқи стратегияҳо ва идораи маъмурию хоҷагидорӣ бо донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2-и ДТТ, ки дар хобгоҳи донишгоҳ истиқомат мекунанд, вохӯрӣ гузаронида шуд.**

Дар вохӯрӣ муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Исомиддин Шарифзода, сардори идораи ташкилию тарбиявӣ Гулшан Бобизода, деканон ва муовинони деканҳо оид ба тарбия ва таълим, бархе аз мудирони кафедраҳо, кормандони маъмурию хоҷагидорӣ, коменданти хобгоҳи донишгоҳ, муовини сардори хадамоти бехатарии донишгоҳ иштирок намуданд.

Зимни вохӯрӣ доир ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор, амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи давлатии муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 суханронӣ карда шуд.

Вохӯриро муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Исомиддин Шарифзода ҳусни оғоз бахшида, оид ба моҳияти масоили зикргардида суханронӣ намуд ва бори дигар донишҷӯёни хобгоҳро барои риояи ҳатмии қоидаҳои зист дар хобгоҳ, речаи муқарраргардида ва дигар тартиботи дохилидонишгоҳӣ таъкид намуд. Инчунин, ҳамаи супоришҳо ва вазифаҳое, ки дар ҷаласаҳои қаблӣ аз ҷониби ректори ДТТ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар назди ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ гузошта буданд, ба ҳозирин бори дигар фаҳмонида шуд.




Мудири шуъбаи татбиқи стратегияҳо Холназар Иброҳимов зимни суханронӣ ҳозиринро ба мазмуну мундариҷа ва моҳияти стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои соҳавии давлатӣ шинос намуд. Аз ҷумла иброз дошт, ки то ин муддат, яъне дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар 21 стратегия, 7 консепсия ва 59 барномаи давлатии соҳавӣ қабул карда шудааст,ки амалӣ гардида истодаанд. Дар соҳаи таҳсилоти олӣ бошад, 11 стратегия, консепсия ва барномаҳои соҳавии давлатӣ амалӣ шуда истодаанд.

Дар вохӯрӣ оид ба моҳияти қабули стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, давраҳои татбиқи онҳо, иҷрои накшаи чорабиниҳо дар самтҳои гуногуни фаъолияти донишгоҳ низ суҳбат гузаронида шуд. Бахусус, татбиқшавии Стратегияи муковимат ба коррупсия дар ДТТ мавзӯи асосии вохӯриро ташкил намуд. Мудири шуъбаи татбиқи стратегияҳои донишгоҳ оид ба ҳолатҳои рух додани коррупсия дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон, роҳҳои пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Вохӯриро муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Исомиддин Шарифзода ҷамъбаст намуда иброз дошт, ки дар як вохӯрӣ оид ба ҳамаи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои соҳавии давлатӣ пурра маълумот додан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, баргузории чунин силсилачорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст. Дар вохӯрии навбатӣ,- гуфт ӯ,- мудири шуъбаи татбиқи стратегияҳои донишгоҳ, профессор Холназар Иброҳимов оид ба дигар масъалаҳои мавзуи матраҳгардида суханронӣ хоҳад намуд.

Дар хотимаи ҷамъомад Исомиддин Шарифзода ва Холназар Иброҳимов ба саволҳои иштирокчиён ҷавобҳои қонеъкунанда гардонданд.

# УСТОД АЙНӢ –

## (ДАР ҲОШИЯИ МАҚОЛАИ

**Дар ҳар марохиле аз рӯзгори башар, ки шебу фарозҳо ва шикасту бархостанҳоро дорад, ин хирадмандонанд, ки роҳнамову роҳкушоянд ва ба масобаи нур худафрӯзӣ мекунанд, то фардои дигаронро рӯшноӣ бахшанд. Маҳз нақши мучаллои ҳамин нафарон аст, ки тавассути офаридаҳояшон вобаста аз сатҳу авзои рӯзгор ба зиндагии инсоният маънӣ ва моҳият мебахшанд ва ё ҳадди ақал зиндагии пурталотуму пур аз мушкилу фалокатро қадре саҳлу содда менамоянд ва ба инсонҳо умед мебахшанд.**

Ҳамин хирадмандонанд, ки дар миллатсозиву тамаддунофарӣ нақши калидӣ доранд ва дар як вақт се марҳиларо фаро мегиранд: гузашта, ҳол ва оянда. Гузаштаро медонанд, ҳолро дарк мекунанд ваояндаро пешбинӣ менамоянд. Ин нафаронанд, ки мушкили замонро дарк мекунанд ва дар пайи ҷустори роҳи ҳалланд. Хирадмандон асиланд, шабаҳ нестанд. Онҳо бохираду заковат ва ақлу хуши худ такя мекунанд ва чун суръати даркашон бештар аз афроди ҷомеаи вақт аст, назди оқилшабаҳҳои вақт девонаанд ва наздиояндагон нобиғаанд. Ҷасорат доранд ва дар баробари хазорон хатар қарор мегиранд, то пардаҳои нодониву хурофот ва ҷаҳлу таассубро бишкофанд ва нури хираду ҷовидонагиро вуруди зиндагии инсонҳо намоянд. Маҳз маҳсули андешаву хиради ҳамин нафарон аст, ки барои рушду инкишофи ҷомеа чун чавҳар гардида, зиндагиро шукуфо ва ҳаётро хуррам мегардонад. Агар ба таърихи миллатамон назар афканем, хоҳем дарёфт, ки дар таккулу рушди он сахми садҳо тан аз чунин хирадмандон аст, ки нақши мучаллои хешро бо офаридаҳояшон дар пайкараи он гузоштаанд.

Дар ин навиштор то ҷое имкон даст дода бошад, кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, то нақши мучалло ва рушангаронаи устод Айниро, ки хеле шабоҳат дорад бо нақши рушангаронаи Волтери фаронсавӣ дар шакли ичмолӣ, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Ҳарчанд Волтер ва Айнӣ саду панчоҳ сол бештар тафовути замонӣ доранд, вале умумиятҳое ба назар мерасад, ки онҳоро метавонад ба ҳам тавъам созад. Ин умумиятҳоро метавон аз чанд зовия таҳлил намуд.

1. Аз назари руҳияи замон ва шеваи давлатдорӣ Фаронсаи охири қарни 17 ва ибтидои қарни 18 бо Бухорои амирсолори қарни 19 ва ибтидои асри 20 хеле ба ҳам монандӣ доранд. Шеваи идоракунӣ дар ин кишварҳо чунон аст, императорон ва подшоҳони кишварҳои аврупоӣ ва дар Бухорои амирсолор бо мушти оҳанин ва истибдоди комил ҷомеаҳои худро идора мекунанд. Шоҳон бар ҷону моли мардум фармонравоии бечунучаро доранд ва императорон худро қонун ва ҳукумат медонанд. Сарватмандони бузург, моликони умда ва сардорони сипоҳ, ки бар гирди дастгоҳи салтанат ҳалқа задаанд, ҳукумати аъёну ашрофро ба вуҷуд овардаанд. Гурӯҳе андак бахши бисёр бузурге аз сарвати ҷомеаро аз они худ кардаанд ва бо тамоми тавон ба неруяш аз манофеи худ дифо мекунад. Қудрати такмили ҷомеа дар ихтиёри ин гурӯҳи андак аст. Дастгоҳи дин, ки ба навбаи худ қудрати азиме аст, ба бозуи қудрати аъёну ашроф табдил шуда, дар вокеъ, худ аъёну ашрофе ҳастанд, ки либоси хосе бар тан доранд. Сарватмандон ва руҳониёни бузург «ҳукумати баргузидагон» ё «ҷомеаи аристократӣ»-ро падид овардаанд. Чунин ҷомеае бар асоси истибдоди заминӣ –осмонӣ идора мешавад. Тӯдаҳои мардум бардагоне беш нестанд ва бузургтарину бартарини онҳо бояд ин бошад, ки аз фармонҳои подшоҳ- сояи худо пайравӣ кунанд. Нодонӣ, фақр, хурофот ва беадолатӣ бедод мекунад.

Дастгоҳи ҳукумат, ки бузургтарин унсурҳои он хонадони салтанат, сарватмандон, моликони бузург ва роҳбарони рухонӣ аст, ғарқа дар хушгузаронӣ, айшу нӯш, таҷаммулпарастӣ, танпарварӣ, зулму ситам, шайёдӣ ва риёкорӣ аст. Подшоҳон лақаб ва унвон мефурӯшанд ва роҳбарони руҳонӣ коххои биҳиштро. Дарбориён ва ҳокимон ба айшу нӯш рӯзгор мегузаронанд. Руҳониён ҷуз гирдоварии сарвату риёкорӣ ҳунари дигаре намешиносанд.

Дар ин ҷомеаҳо аз озодиҳои фардӣ, мадорои мазҳабӣ ва ҳукумати порлумонӣ камтарин асар ва ё нишоне нест. Раҳбарони руҳонӣ ба мисли раҳбарони сиёсии ҷомеа, аммо ба равиши дигаре бар ҷону моли мардум фармон меронанд. Хушкандешии динӣ ва таассуби мазҳабӣ бедод мекунад. Раҳбарони руҳонӣ мухолифони андешаҳои худро ба унвони кофар, беин ва зидди худо месӯзонанд, китъа - китъа мекунанд ва касеро тобу тавони истодагӣ дар баробари онон нест. Миллатҳо ва мардумон дар тиҳидастӣ, дармондагӣ ва фақру беморӣ ба сар мебаранд.

Ҳамчунин замон замони бархурдҳост, чӣ дар Аврупои асри 18, ки инқилоби бузурги Фаронса ё қарни модари инқилобҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва чӣ дар Бухорои амирсолор, ки инқилоби рус ва бо таъсири он инқилоби Бухоро сурат мегирад. Даврон дар воқеъ, даврони тазодҳо, таноқузҳо ва бархурдҳои сангин аст. Дар чунин даврон аст, ки нобиғагоне ба дунё меоянд, яке дар Аврупои қарни 18, ки ин Волтери фаронсавӣ аст ва дигаре дар Бухрои қарни 19 устод Айнӣ аст. Ҳар ду бузург мешаванд ва даст ба қалам мебаранд. Рисолати инсонии худро дар озодиву саодати инсонҳо мебинанд.

2. Умумияти дигар ин аст, ки ҳам Волтер ва ҳам Айнӣ дар хонаводаи миёнаҳол ва таҳсилкарда тавлид шуда, таҳсили ибтидоиро дар мактиби динӣ пушти сар кардаанд. Вале баъдан дар муқобили таълимоти гирифтаи хеш ва нақду баррасии таноқузоти он пардохтаанд.

Волтер пас аз ёд гирифтани навиштану хондан ба сурудани шеър мепардозад. Падараш аз алоқаи шадиди фарзанд ба шеър сурудан ғарқ дар шигифтӣ мешавад ва мегӯяд: «Ин писар дар оянда ҳеҷкора ва фақир хоҳад шуд». Писарбачаи шоир аз 9 то 17-солагӣ таҳсилоти расмии худро дар дабистон ва дабиристони ясваиҳо ки фиркае аз масеҳиёнанд, ба поён мерасонад. Дар ин мадорис бо фарзандони бузургтарин аъёну ашрофи Фаронса ошно мешавад ва ба шиддат ба адабиёт, театр ва махсусан ба сурудани шеър алоқа нишон медиҳад. Пас аз поёни даврони дабиристон падар аз ӯ мехоҳад, ки дар риштаи ҳуқуқ ба таҳсилоташ давом диҳад, аммо писар адабиётро бармегузинад ва бо падар дармеафтад. Дар ин замон ҳадафи бузургтарин шоири ҷавон ин аст, ки саре дар миёни сарҳо дар биёварад ва аз худ шоири номдор бисозад. Аммо ин шоири номдор бояд ние аз сарватмандони бузург низ бошад. Дар ин замон Волтер чунин меандешид, ки истеъдод бепул дардиок ва пул беистеъдод низ бемаъно аст. Ӯ мехоҳад, ки номдори сарватманд бошад. Марде, ки ба Волтери ҷавон асари бузург ба ҷо мегузорад яке аз устодони ӯст бо номи Шотунуф. Ин мард худро худошинос, аммо бе дин меномид ва бар андешаҳои шоири ҷавон нақши пойдор бар ҷо мегузорад.

Ҳамин манзара ва шабаҳатро метавон дар зиндагии устод Айнӣ мушоҳида намуд, баҳусус дар китобҳои «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ва «Ёддоштҳо» он бармало равшан аст.

3. Аз назари хувиятӣ шахсияти Айнӣ бо шахсияти Волтер дорои шабаҳоти чузъӣ аст. Нависандагони таърихи тамаддун аз Волтер ба унвони яке аз пуркортарин, пурнавистарин ва бебоктарин нависандагони ҷаҳон ном мебаранд. Волтер дар далерӣ, хатарҷӯӣ, густохӣ ва муборизаҷӯӣ камназир буд. Хофизаи бисёр неруманд дошт ва мағзи нобиғаосояш бо суръати хиракунанда илм, дониш, огоҳӣ, фалсафа ва тамоми омӯхтаҳоро ба худ чазб мекард. Дар баёни навиштани он чӣ ба назараш ҳақиқат мерасид, ҳаргиз диранг намекард. Мағзи пуркор, шаффоф ва тавоно дошт. Яке аз саргузаштнависонаш чунин навиштааст: «Дар даруни ҷамҷамааш оташе рӯшан буд, ки то вопасин дами зиндагӣ забона мезад».

Айнан ба ҳамин монанд шахсияти устод Айнӣ низ дар ҷасорат, бебокӣ,



хатарҷӯӣ, ҳақиқатнигорӣ беназир аст. Шояд сабаби пазируфта шудани тахаллуси адабии Айнӣ барои мутафаккир маҳз ҳамин хислати ҳақиқатнигориаш бошад, ки мо онро дар саросари эҷоди мутафаккир ба осонӣ мушоҳида карда метавонем.

Дар шахсияти Волтер ҳозирҷавобиҳо, латифаҳои кӯбанда, танзҳои газанда ва такҷумлаҳои такондиҳанда намудори хислатҳо ё маниши ӯ ба шумор мерафт ва ҳамин хисол низ дар шахсияти устод Айнӣ ва махсусан, дар навиштаҳояш ба навъи аҳсант ифода ёфтааст.

Нубуғи шахсияти Волтер нубуғи чандҷонибааст: дар нависандагӣ, шоирӣ, таърихнигорӣ, истидлол, шеваи баён, кордонии иктисодӣ – ичтимоӣ ва тавоноиҳои бузурги мағзӣ будааст. Нубуғи Волтер дар воқеъ «нубуғ дар ҳунари зиндагӣ» будааст.

Нубуғи устод Айнӣ низ чандбуъдист: дар шоирӣ, нависандагӣ, рӯзноманигорӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ, омӯзишу парвариш, адабиётшиносӣ ва ғайра беназир аст.

Ин виҷагиҳо аз мағзи пуртавон, ҳофизаи нерӯманд ва тавоноиҳои фикрӣ, ки дар ҳадди нубуғ будаанд, ҳикоят мекунад.

4. Аз назари ҳунар ва офарандагӣ низ шабоҳатҳои зиёде байни ин ду нобиға мавҷуд аст. Маҷмуаи навиштаҳои Волтер дар 99 унвон дар Фронса интишор ёфтааст. Мизони навиштаҳои ин нависанда аз назари миқдор ончунон зиёд аст, ки вайро пуркортарин нависандаи қарни 18 лақаб додаанд. Аз Волтер ба унвони намоишноманавис, достоннавис, мунаққиди театр, таърихнавис, файласуф, шоир ва яке аз бузургтарин номанависони таърих ёд шудааст. Волтер ба беш аз 1200 нафар мукотиба дошт ва худуди 1700 нома аз вай ба ёдгор мондааст. Ин номаҳо ба забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёӣ, испониёӣ ва лотинӣ навишта шудаанд. Номаҳои Волтер саршор аз нуктабинӣ, зарифгӯӣ ва нукоти танзолуданд.

Дар фарҳанги миллии мо низ устод Айи яке аз пуркортарин мутафаккирони чадбуъдӣ маҳсуб аст, ки феҳрасти навиштаҳояш ва нашру тарҷума ва паҷӯҳиши онҳоро дар маҷмуъ то соли 1961 дар асари «Феҳрасти асарҳои С.Айнӣ ва адабиёт оид ба ӯ» (С. Азизкулов, З.Муллоҷонова. Нашриёти академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, Душанбе-1963.326 саҳ.) 1322 номгӯй нишон додаанд.

Дар бештар навиштаҳо ва достонҳои Волтер ва Айнӣ қаҳрамонон одамҳо нестанд, балки бозигарони аслии андешаҳо ва назарияҳо ҳастанд. Ноогоҳиҳо ва хурофот дар нақши табаҳкорон ва илму мантиқ дар нақши қаҳрамонони дӯстдоштанӣ намоён мешавад. Рӯйдодҳои достонҳо ҳамон бархурди афкор ва андешаҳост. Набарди афкори нодуруст ва маҳвум бо андешаҳои илмӣ ва мантиқӣ.

5. Дигар монандӣ дар он ифода меёбад, ки ҳарду ҳам эҷоди хешро саравал аз шеър шуруъ намуданд.

6. Ҳам Волтер ва ҳам устод Айнӣ тарафдори инқилоби фикрӣ буданд, онҳо ҳар ду ба ин андешаанд, ки то дар мағзҳо инқилоби маънавӣ нашавад, ҷомеа пеш намеравад. Волтер дар мавриди барҳамзании таассубу хурофот мегӯяд: «Вақте тӯдаи мардум шуруъ ба истидлол кунад ҳама чиз аз миён меравад». Устод Айнӣ бошад, таърихи инқилоби фикрӣ менависад. Ҳар ду озодандешанд

7. Ҳаммонандӣ дар он ифода мегардад, ки ҳар ду дар муқобили хурофот ва вопасгароӣ қарор гирифтаанд. Ҳар ду паёми озодиро ба мардум мерасонанд. Ҳар ду дониш, мантиқ ва истидлолро асли саодати башарӣ медонанд. Ҳар ду ба хотири озодандешӣ зиндонӣ шудаву дар табъиз қарор гирифтаанд.

Ин ҷо барои далел мухтасаре аз муборизоти Волтерро бар алайҳи хурофот ва таассуби нодонӣ меоварем.

Дар даврони зиндагонии тӯлонии Волтер камтарин нишоне аз оштипазирӣ бо руҳониён дида намешавад. Ин андешаманди озода дар саросари умр бо хашму ғазаби девонавори руҳониён рӯ ба рӯ буд ва ранҷу тавони фарсоиши кашидани бори сангини ин мубориза буд. Волтер дар тамоми навиштаҳояш роҳбарони руҳониёнро шарлатан, дурӯғгӯ, авомфиреб ва кулохбардор хитоб мекунад.

Решаи пайдоиши аксар аз боварҳоро ноогоҳӣ ва бехабарии мардуми оммӣ медонад ва мегӯяд: «То замоне, ки аблаҳон ва шайёдон ҳастанд, динҳо ҳам хоҳанд буд».

Ин адешаманди озода ба ин бовар буд, ки руҳониён дастгоҳи дину мазҳабро ба дукони бузурге дигаргун сохтаанд. Дар ин дукон хурофот мефурӯшанд. Бо гирифтани пул гуноҳонро мебахшанд. Коххои биҳиштро ба аблаҳони дастпарвардаи худ мефурӯшанд ва дар поён на танҳо ба сарватмандон, моликон ва заминдорони бузург мубаддал шудаанд, балки ба далели нуфузи азими худ дар байни тудаҳои мардум он чунон қудрате ба даст овардаанд, ки тоҷ бар сари императорон мегузоранд ва тоҷ аз сари подшоҳон бармедоранд. Волтер мегӯяд бузургтарин рамзи муваффақияти рӯҳониён дар ин нукта нуҳуфта аст, ки тавонистаанд мардумро аз Худо битарсонанд ва дар натиҷаи пайдоиши чунин тарс мардум на танҳо бар руҳониён эҳтиром мегузоранд, балки ба шиддат аз онон метарсанд. Вай мегӯяд роҳбарони рӯҳонӣ бо парокандани хурофот ва ҷилавгирӣ аз густариши огоҳӣ ва дониш тамаддуни инсониро олудаанд. Вай дар номае бар Фридрихи Кабир императори Пруссия чунин менависад: «Дини мо бетардид чарандтарин, масхаратарин ва хунинтарини ҳамаи динҳо аст, ки сабаби олудагии дунё шудааст».

Волтер чунин меандешид, ки боварҳои ба истилоҳ осмонӣ ақл, шуур, мантиқ ва фаҳми инсонро ба шиддат костаанд.

Раҳбарони боварманди, ки пайваста ба ситоиши фақр қаноат, пархезкорӣ ва соддагӣ дар зиндагӣ мепардозанд, худ дар амал сарватмандони бузурге ҳастанд, ки дар ниҳояти осоиш ва таҷаммул зиндагӣ мекунанд. Аз маҳсул ва дастранҷи мардум суистифода мекунанд ва ба ҳоли онон механданд.

Ин нависандаи озода ба озодии дину мазҳаб эътиқод дошт ва аз асли мадорои динӣ ҳамзистии мазҳабӣ ё шикебой дар баробари андешаҳои дагарон бо ҳамаи тавонаш ҳаводорӣ мекард. Вай мегуфт миллати Фаронса бояд аз миллати Инглис ибрат биёмӯзад ва хушунати динӣ, носозгории мазҳабӣ, таассубу кӯрдилӣ ва дигар андешаҳоро канор бигзорад. Ба илму дониши даврони худ даст ёбад. Ба хондани назарияҳои илмии Коперник, Кеплер, Галилей ва Нютон пардозад.

# ВОЛТЕРИ МАШРИҚЗАМИН

## ПРОФЕССОР С.ЯТИМОВ «САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ»)

Илму донишро ҷонишини андешаҳои кӯҳнаи дин ва ақоиди фарсудаи мазҳаб кунад.

Волтер бузургтарин таблиғкунандаи мубориза ба диктаторҳои осмонӣ буд ва бар асли кӯбидани истибдодҳои динӣ по мефишурд. Волтерро баландгӯи бузурги қарни 18-ум ва мубаллиғи бемонанд ба шумор овардаанд. Ин нависандаи пуршур дар навиштаҳояш меғуррид ва бо фарёдҳои қалами нерумандаш ҷаҳони фикрии Фаронса ва Аврупоро ба ларза андохта буд.

Устод Айнӣ низ чун як нобиғаи озодандеш ва равшангар дар ҳамаи осори бадеии хеш ва махсусан, дар повести «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», повести «Одина», повести «Ҷаллодони Бухоро», повести «Марги судхӯр», повести «Аҳмади девбанд» ва романҳои «Дохунда», «Ғуломон», «Ятим» ва чаҳор қисмати «Ёддоштҳо» вазъи тираву тори ҷомеаи Бухороро аз нигоҳи осебшиносии иҷтимоӣ ба бадеиёт кашидааст. Осори номбурда на танҳо ба ҳайси осори бадеанд, балки шинохти дуруст ва воқеии ҷомеаи амирсолори вақтро, ки ба бӯҳрони маънавиву иқтисодӣ ва инсонӣ гирифтор буд, чун таҳлилгар ва ҷомеашинос мавриди пажӯҳиши дақиқ қарор медиҳад. Устод Айнӣ низ ба мисли Волтер бадбахтии ҷомеа ва мардуми сарзаминашро дар нодонӣ, таассубзадагӣ, хурофапарастӣ медонад ва дар тамоми осораш аз шайёдон ва дукондорони динӣ, ки мардумро дар фақру нотавонӣ ва дармондагиву нодонӣ қарор медиҳанд, маззамат мекунад.

Устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо" дар қисмати набераи Файзи Авлиё аз номи мулло Амон чунин меорад: «Мулло Амон аз илмҳои мадраса бештар ба мантиқ ва ҳикмат машғулӣ мекард, илмҳои диниро Қуръон-ҳадис ва фикро инҳо илм нестанд, инҳоро ҳар кас метавонад омӯзад. Чунки ҳамагӣ дар китоб навишта шудааст. Илм он аст, ки ақл дар вай кор кунад ва майдони фикрдавонӣ кушода бошад. Дар илмҳои динӣ бошад, дар чор тарафат деворҳои баланд ва сахт кашида мондаанд. Агар аз он деворҳо берун баромадан хоҳӣ туро ин бетамизон дар ҳол кофир мегӯянд мегуфт» (Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009, саҳ. 492).

Дар бахши ҷанги муллоён бо аробакаш устод Айнӣ вазъиятеро баён мекунад, ки панҷ нафар мулло чӣ гуна аз ҳиллаҳои шаръии худ истифода бурда сараввал нархи аробакашро нимтангагӣ кам карда пас аз бачаи даркорӣ расидан пулро нима ҳисоб карда ба аробакаш дуним танга медиҳад ва вақте аробакаш аз онҳо пули хешро талаб мекунад онҳо ӯро худоношинос иттиҳом мезананд. «Ту дубора ба дуо ва худо шаккокӣ кардӣ моро ҳам ҳақорат карда истодаӣ мо аз ароба намефароем ба туро бо аробаи худат ба пеши ҷаноби шариатпаноҳ бурда даъвои ҳақорат мекунем, зудтар аробаатро ҳай кун....»

Дар кофир будани ин аробакаш ҳеҷ шакку шубҳа намонд- гуфтааст яке аз муллоён. Дар ҳамин ҷо дасту пойи ӯро баста зада-зада ба қозихона бурдан даркор аст гӯён ба тарафи он панҷ нафар аробасавори дигари дар оқиб нишаста нидо мекунад. Бачаҳо шумо дар ин кор ба мо ёрӣ диҳетон ва ба қозихона ҳамроҳи мо рафта гувоҳ шуда чихо гуфтани ин кофирро ба шариатпаноҳӣ гӯетон, ки шумо ҳам ба савоб дохил шаветон. (Муфассал нигаред: Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009, саҳ. 498-500).

Дар идомаи ин ҳикоя, ки интизорӣ бо сангсор шудани аробакаш аст, устод Айнӣ нақл менамояд, ки ин чор нафар мулло дар тамоми кӯчаҳои Бухоро гашта дар сари дӯконҳои ошнои бегона нишаста, воқеаро ба тарзи худ баён мекардаанд. Махсусан яке аз он муллоёни даъвогар, ки Ҷунбулмахтум ном дошт, чунин даъво пеш меовард, ки агар ӯ дар вақти кофир шудани аробакаш ҳозир намешудааст, он кори бади аробакаш монанди об ба хошок номаълум шуда мерафтааст, чунки ба сабаби «охир шудани замон» на танҳо авомҳо, ҳатто муллоҳо ҳам беаҳамият шуда рафта будаанд, чун ӯ бо ҳамин нияти исломӣ ки «Худо дар табиати ӯ сиришта будааст ба ғайрат омадааст. Он чор нафар ҳамроҳони дигараш ҳам аз дунболи ӯ рафта ин корро ба шариат ороста кардаанд».

Ҳамчунин устод Айнӣ дар ҳамин ҳикоя воқеаро чунон ба тарзи худ тавсия намудаанд, ки асли вазъро на ба пардохт кардани пули аробакаш, балки гӯё аробакаш калимаҳои куфрро такрор ба такрор таъкид кардааст ва ин нафарон вақте ӯро насиҳат кардаанд, онҳоро низ таҳқир намудааст ва дар охири ин қисса чи гуна ин панҷ нафар мулло як нафарро ба хотири даъвои пули пардохти ҳаққи аробакаш то ба дараҷаи сангсор кардан ва аз байн бурдан бо шеваи кабеҳтарин кушта шудани як нафрро ба хотири даъвои ҳаққи худ тасвир намудааст. «Оре онҳо аз ҳайвоноти дарранда ҳам бадтар шуда буданд, зеро ҳайвони дарранда барои сер кардани шикам ё мудофиаи ҳаёти худ ба одам ва ё ягон ҳайвони дигар ҳам ҳуҷум кунад, аз ин кори худ шодмон шуда намеханадад ва ҳатто аломати хурсандӣ нишон намедиҳад, аммо ин одамон бадтар аз ҳайвон дар вақте ки бо ваҳшонияти тамом як одами дасту по бастаро сару рӯю гӯшту пӯсти ӯро пора-пора карда истодаанд чунон ки дар маросими домодбарӣ ё арусбиёрӣ иштирок карда истода бошанд, шодмонӣ мекарданд». Ин ҳолати ваҳшиёна ва ин намоиши фоҷеабор чунон ба устод Айнӣ ва ҳамраҳонаш таъсир мерасонад, ки аз идомаи дидани ин намоиш даст кашида ба хонаи худ меравад ва охири қиссаи аробакашро устод Айнӣ аз номи Абузоҳир ном ҷавон чунин нақл мекунад, ки сангсоркунандагон мурдаи ба болои шутур овезон кардашудаи аробакашро аз кӯчаҳои Бухоро гузаронида мурдаи аробакашро берун аз шаҳр мебароранд ва дар қатори лошаҳои ҳайвоноти худмурда барои хӯроки сагон мепартоянд. Ба қавли устод Айнӣ он қадар ин манзара тоқатфарсо будааст, ки мардум ба дидани ин манзараи нафратангези фоҷиаангез тоб наоварда аз сари роҳ мегурехтанд ё ба дасти худ чашмонашонро то дур рафтани он манзара пӯшонида меистоданд. (Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009, саҳ. 520)

Дар ҳамин қиссаҳо устод Айнӣ вазъи умумӣ ва тираю тори Бухорои амириро чунон дар риштаи тасвир мекашад, ки ҳар касе ё ҳар нафаре, ки каме аз афкори динӣ бохабар буд, бо ҳар роҳе ба хотири ҳимоят аз манфиатҳои хеш ва тарсонидани чашми мардум аз дурӯғгуӣ, шайёдӣ, тавтеапардозӣ истифода намуда, аз ин роҳ худро доно, олим ва шариатпаноҳ эълон карда буданд.

Устод Айнӣ на танҳо чунин ҳолатро ба гирифтор шудан ва азобу ваҳшониятро ба афроди дигар, балки онро ба хуну пусти худ эҳсос намудааст. Махсусан дар воқеиёти соли 1917, ки ҷадидонро боздошт намуданд, устод Айниро ҳам боздошт намуда, ӯро ба обхона мепартоянд ва бо 75 чӯб задан маҳкум мекунанд ва танҳо ба сабаби аз тарафи аскарони рус озод шудан ва 52 рӯз дар беморхона хобидану 25 бор амалиёти ҷарроҳӣ дидан зинда мондааст ва пас аз ин устод Айнӣ маҷбур мешавад Бухороро тарк карда ба Самарқанд равад ва пас аз 2 моҳи беморӣ дар Самарқанд қуввате пайдо мекунад, ки ба кӯча барояд ва гоҳе ки ӯро муллоёни Самарқанд мебинанд ба ӯ чунин ҳукмро раво мебинанд «Касе ки ба подшоҳи ислом теғ кашида, аз он ҷо ронда шудааст, дар шаҳри мусалмонон истиқомат кардани он аз рӯи шариат ҷоиз нест» (Муфассал ниг.Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. бахши Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. саҳ 88). Ин ҳодисаро ӯ ба воситаи яке аз дӯстони худ фаҳмида дар пайи мудофиаи худ меафтад. Ҳарчанд ин гуна ривоят натиҷаи амалии расмӣ надошта бошад ҳам, сабаби ягон натиҷаи ғайрирасмӣ буданаш мумкин буд, ки одамони он муллоён ба он ривоят такя карда дар кӯча бо издиҳом ба ман ҳуҷум намуда талаф кунад. Ман ба софдепи Самарқанд рафта ин ҳолро хабар додам. Софдеп калони муллоҳоро ҷеғ зада бурда аз забони онҳо хат гирифта ки агар ба фалонӣ зараре расад онҳо ҷавобгаранд. Баъд аз он муллоҳо ба ман руирост ҳуҷум накарданд, аммо таъқиби махфиёнаи онҳо давом мекард. Ман барои мудофиаи худ ҷои хоби худро дигар мекардам.

Шояд ҳамин сабаб гардида бошад, ки устод Айнӣ аввалин асари насрии худ ки повести «Ҷаллодони Бухоро» аст, онро дар соли 1920 иншо намуд ва минбаъд тамоми осори ӯ бар муқобили режими Бухорои Амирсолор ва хурофазадагию таассубгароӣ ва нодонию ҷаҳолат нигаронида шуда буд. Дар асари "Ҷаллодони Бухоро" устод Айнӣ фоҷиаи бемислу монанди замони амириро, ки аз тарафи аҳли шариат ва бо тасдиқи амир ба роҳ монда шуда буд, сахт фоҷеаангез ва ғайриинсонӣ тасвир менамояд. «Азбаски аз 2 март то 5 март бо қувваҳои шӯришгар ҷанг давом дошт, амалдорони амир ва муллоён барои ба арк бурдани дастгиршудагон фурсат наёфта, бештарини онҳоро дар ҷойи дастгиршудаашон зада мекуштанд. Гӯшу бинии мурдагонро мебуриданд, чашмонашонро мекофтанд, рӯйҳошонро чок мекарданд, шикамҳошонро мекафониданд. Дар аъзои бадани баъзе дастгиршудагон ин амалиётро дар ҳолати зиндагии онҳо иҷро карда пас аз он мекуштанд, ки маҷрӯҳ бо азобу уқубатҳои шунида ношуда ҷон медод». (Муфассал ниг.Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. Саҳ.105).

Ҳамчунин устод Айнӣ татбиқи усули нави одамкуширо, ки аз тарафи қозикалон Бурҳониддин, Низомиддинхӯҷаи урганҷӣ ва Абдурауф корвонбошӣ ихтироъ ёфта аз тарафи амир тасдиқ шуда буд, шарҳ медиҳад, ки мақсади асосии ин усули нав кушташавандаро ба қадри имкон бештар азоб дода хуни ӯро нарехта куштан будааст, ки тавассути ба дор кашидан ба роҳ монда шудааст. Дар ин повест устод Айнӣ берахмии ин гурӯҳро то ҳадде нишон медиҳад, ки онҳо ҳатто ба бачагони 14-16 сола раҳм надоштаанд. Ва қиссаи Боқӣ ва Маҳмудро меорад ки писарони мулло Нозими тотор будаанд ва гуноҳи ин бачагони хурдсол он будааст, ки падари онҳо тарафдори мактаби нав будааст. (Муфассал ниг. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. Саҳ. 112)

Дар идомаи он устод Айнӣ хаёлоти Усмонбек Қушбекиро дар роҳи таъмини истиқболи мансаби худ чунин меорад: Таъбии қисми ин гуна нақшаҳоро моддаҳои аз худ хушнуд кардани амир ва муллоён ташкил мекард. Бинобар ин, барои расидан ба ин мақсад барои худ тақрибан ин гуна хатти ҳаракат таъин мекард. «Аз ҳар ҷо ки ба даст дарояд бачагони амрад ва духтарони зеборо ёфта ба амир пешкаш кардан барои пур кардани хазинаи амир фуқароро бо кадом роҳе бошад тороҷ кардан ва тороҷкунондан, агар муллоҳо касеро ҷадид аст ё ин ки болшевик ҳаст инро куштан даркор аст гӯянд, ҳо тақсир инро худам ҳам мешиносам рост истода шошидани инро ба чашми худ дидаам ин мутлақан кофир аст. Бо куштани муқаррарии ин, дил сард ва тасаллиёт намешавад, балки инро пора-пора карда, ё ин ки ба дор овехта, даҳҳо бор буғ карда, сардода куштан даркор аст. Аз дарбори амир ба муллоён мансабҳои калон гирифта додан ва онҳоро ҳам ба болои фуқаро ва барои тороҷ кардани онҳо ба амалдорони амир баробарҳуқуқ карда монданд. Қушбегӣ ана ба ҳамин хаёлот гирифтор буд».

Кушта шудани ду бародарашро устод Айнӣ ба дасти мансабдорони амир чунин зикр менамояд: «Натиҷаи ин ҳаракати провакатсионӣ ин шуд, ки амир одамони бисёреро дар Бухоро ба вилоятҳои вай бо шубҳаи болшевикӣ револютсионерӣ ё бо тухмати алоқа доштан бо онҳо ба як сурати ваҳшиёна кушт. Бародари ман Сироҷиддинро ҳам аз қишлоқи тағоҳомо, ки дар он ҷо пинҳон шуда буд, дастгир карда оварда дар обхонае, ки ман хобида будам, хобонда баъд аз 15 рӯзи азобҳои тоқатгудоз дода дар он ҷо куштанд». Муфассал ниг.Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. бахши Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. саҳ 90.)

Ҳамчунин устод Айнӣ марги бародари бузургашро ки ба дасти мулло Қаҳҳори қурбошӣ дар баҳори соли 1922 сурат гирифтааст, чунин тасвир мекунад: «Соати дуи рӯз буд акаам дар мадрасачаи деҳа буд, ӯро аз он ҷо кашолакунон бароварданд ва ба як дарахт бастанд ва тирборон карда куштанд, ҳавлиро тамоман тороҷ карданд, молҳои ҷондор ва беҷонро бурданд, ҳатто либосҳои занонро аз танашон кашида гирифтанд». (Муфассал ниг. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. бахши Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. саҳ 93)

Устод Айнӣ дар осораш дуо, фолбинӣ ва ҷодугарии эшону муллоҳоро ба ришханд тасвир мекунад ва ба ҳар беморе, ки ба онҳо мурочиат мекард онҳо ҳатман ӯро ачина асар кардааст ва бо ин роҳ пулу ашёи ӯро гирифта чизу чораи онро ба тороч мебурданд. (Садриддин Айнӣ. Дохунда. Душанбе: Ирфон, 1984. саҳ 40 (ачина асар кардааст) ва (дуои начот) саҳ. 180-185).

Ҳамчунин чораҳои ҳукумати амирӣ дар баробари ваборо ба истеҳзо кашида чунин тасвир менамояд: «Ҳукумати Бухоро дар муқобили вабо чорае дид, ки хеле хандаовар буд. Вай ба воситаи қозикалон фармон баровард, ки муаззинҳои гузаргоҳ ва қориҳои хушовоз чор- чор ва панҷ –панҷ ба гурӯҳҳо тақсим шуда ҳар шаб баъд аз хуфтан то саҳар кӯчаҳои шаҳрро гардиш карда дар сари гузаргоҳ ва дуроҳаҳо ба як овоз азони бемаҳал гуфта гарданд, то ки худованди карим ба шарофати он азонҳои бемаҳал ваборо аз сари мардум бигардонад». (Садриддин Айнӣ. "Дохунда". Душанбе: Ирфон, 1984. саҳ 317.)

Ин ҷо иктифо мекунем, зеро ин масъала метавонад як пажуҳиши густурдатаре бошад, ки тамоми ҷузъиёти рӯзгори ин ду бузургмарди таърихи равшангариро муқоиса намуд.

Бо ҳама омӯзишу пажуҳишҳое, ки то ба ҳол дар бораи шахсият ва осори устод Айнӣ сурат гирифтааст, гумон мекунам ҳанӯз паҳлуҳои гуногуни он норавшананд. Набояд ба осори насрии устод Айнӣ, танҳо ба як навъ асарҳои бадеӣ муомила намуд. Онҳо ҳар кадоме дардҳои ҷомеаи моро дар дарозои асрҳо ифода мекунанд. Сабабҳои бадбахтӣ, вобастагӣ, ғуломӣ, бебандуборӣ, вопасгароӣ ва дармондагии ҷомеаи шарқро дақиқназарона нишон медиҳанд. Ба мо роҳи саодату озодандеширо нишон медиҳанд. Ин осори ҷовидона тамоми Шарқро такон додаанд. Дар шароити имрӯзаи таҳдиду хатарҳои таассубу хурофот ва ифротгароӣ ба ҷомеа ва давлати дунявии тоҷик осори устод Айнӣ позаҳре дар баробари ин заҳри кушандаанд. Ин осори ҷовидона ва озодандешона арзиши умумибашарӣ доранд ва шахсияти устод Айнӣ, на танҳо шахсияти миллӣ, балки шахсияти фарҳанг ва озодандешии ҷаҳонӣ аст.

**И. Шарифзода,**
**файласуф**

# ВОХӮРӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ АВВАЛИ ТАҲСИЛ

**Дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон вохӯрии Раёсати донишгоҳ бо донишҷӯёни курси якуми факултети иқтисодиёт ва молия баргузор гардид.**

Мақсади баргузории вохӯрӣ, пеш аз ҳама, шинос намудани донишҷӯёни соли аввал бо низоми таълимӣ, тартибу қоидаҳои дохилидонишгоҳӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва муҳити созандаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буд. Ин вохӯрӣ на танҳо ҷаласаи расмӣ, балки як дарси бузурги зиндагӣ гардид, ки ҳар як донишҷӯ онро ба хубӣ дарк кард.





Дар оғози вохӯрӣ декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Музаффар Раҳимзода роҳбарияти донишгоҳро ба донишҷӯён муаррифӣ намуда, иброз дошт, ки дар ДДТ, аз ҷумла факултети иқтисодиёт ва молия барои омода намудани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Маҳз заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрӣ ва дигар шароитҳои муҳайёгардида буданд, ки хатмкунандагони донишгоҳ имрӯз дар тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ фаъолият доранд. Умед дорем, ки шумо донишҷӯён, ки ихтисосҳои ин даргоҳи илму маърифатро интихоб намудаед, ҳамчун мутахассиси варзида ба камол расида, дар пешрафт ва ободию шукуфоии кишвари маҳбубамон саҳми арзишманд мегузоред.

Баъдан мушовири ректор оид ба низоми кредитии тахсилот ва аккредитатсияхои байналмилалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Маҳмуд Тошматов доир ба авлавиятҳои низоми кредитии тахсилот ҳарф зада, иброз дошт, ки низоми кредитӣ низоми санҷидашуда буда, масъулияти ҳар як донишҷӯро дучанд месозад. Барои ба даст овардани холҳои рейтингӣ зарур аст, ки ҳар як супориши таълимӣ, кори мустақилона ва корҳои илмӣ сари вақт иҷро карда шавад. Муваффақияти шумо, – гуфт Маҳмуд Неъматович, – на танҳо ифтихори худатон, балки ифтихори донишгоҳ низ хоҳад буд.

Муовини ректор оид ба тарбия ва корҳои идеологӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Исомиддин Шарифзода зимни суханрониаш диққати аҳли толорро ба масъалаҳои ахлоқиву тарбиявӣ ва одоби донишҷӯӣ ҷалб намуда, иброз дошт ки донишҷӯ бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму дониш бошад, назму тартиб ва қоидаҳои дохилидонишгоҳиро риоя намояд, одоби муошират ва эҳтироми калонсолонро ба ҷо орад, вақтро дуруст истифода бурда тавонад, хуллас намуна бошад.

Муҳимтар аз ҳама, шумо донишҷӯёни азиз бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳед, ҳамеша аз хатари ифротгарой, терроризм ва экстремизм худро ва атрофиёни эмин доред. Ҳамчунин, дар хотир дошта бошед, ки мубориза бо коррупсия ва дигар амалҳои номатлуб вазифаи виҷдонии ҳар як шаҳрванди бедордил аст.

Дар суханрониҳои дигар масъулини донишгоҳ масъалаҳои пос доштани муқаддасоти миллӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва ҳифзи якпорчагии Тоҷикистони азиз, риояи қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ мавриди таъкид қарор гирифт.

Чунин вохӯриҳои судманди раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо донишҷӯёни дигар факултетҳо низ гузаронида шуданд.

**Р. ШАРИФ,**
**М. БОҚИЗОДА**

# РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти олии кишвар роҳи зина ба зина барқарор кардани иқтидори иқтисодии ҷумҳуриро пеш гирифта, барои ноил шудан ба ин ҳадаф тамоми тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ намуда истодааст. Аз таърихи мавҷудияти давлатҳои мутараққии ҷаҳон аён аст, ки устувории давлат ҳамон вақт бардавом нигоҳ дошта мешавад, ки агар аз иқтисодиёти саноатӣ самаранок истифода бурда тавонад. Бо дарки ин мафҳум дар қатори ҳадафҳои нахустини стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ талаботи аҳолӣ ба либосҳои кешбофӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Он инчунин ба мӯди муосир аз ҷиҳати хосиятҳои фарққунандааш ба роҳ монда шудааст. Миқдори зиёди масноути кешбофӣ дар вақтҳои охир эҷоди моделҳои навро талаб менамояд.

Дар айни замон, бо дарназардошти имкониятҳои технологӣ, васеъ намудани намуди либосҳои кешбофӣ барои кӯдакон, яке аз талаботҳои асосии замони муосир мебошад.

Дар ин бобат бартарии бо усули кешбофӣ истеҳсол намудани газвор ё либосҳо дар он аст, ки ба натиҷаҳои иқтисодию техникӣ асос ёфтааст, яъне имкониятҳои баланди технологии мошинҳо, қобилияти бофтани матоъҳои нақшдори кешбофӣ барои либоси таг ва либоси болопӯшӣ, истеҳсоли кешбофӣ бо техникаю технологияи нав, дар мошинҳо истифода бурдани хосиятҳои гуногуни ресмон, сарфи ками меҳнат дар истеҳсоли матоъ; дар фабрикаҳои кешбофӣ миқдори маҳсулот ба ҳисоби воҳиди майдони ками истеҳсолот аз миқдори маҳсулоте, ки дар корхонаҳои бофандагӣ ба даст оварда мешавад, зиёд аст.

Ҳоло маҳсулоти корхонаҳои кешбофӣ хеле гуногун аст. Масалан, маҳсулоти ҷуроббофӣ, либоси болопӯш ва тагпӯш, дастпӯшакбофӣ, матоъҳое, ки барои ҷиҳозонидани мебелҳо, кешбофии техникӣ ва тиббӣ истифода мешаванд. Яке аз бартариҳои усули кешбофӣ ин истеҳсоли матоъҳои эластикӣ ва ё дарознашаванда мебошад.

Ғайр аз ин, ҳоло барои истеҳсоли газвор ва либосҳои навъҳои гуногуни кешбофӣ, ки хосиятҳои гарминигоҳдории баланд доранд, истеҳсол карда мешаванд. Корхонаҳои муштараке, ки дар мамлакати мо сохта шуда истодаанд, бо беҳтарин мошин ва технологияҳои навтарини соҳа муҷаҳҳаз гардонида шудаанд

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд корхонаҳои саноати кешбофӣ, аз ҷумла корхонаи кешбофии "Ноҳид"-и шаҳри Истаравшан бо истеҳсоли ҳама намуди либосҳои тагпӯшӣ бо иқтидори 70 ҳазор метр газвори кешбофӣ дар як моҳ, корхонаи нассоҷии шаҳри Хуҷанд бо истеҳсоли либосҳои кешбофии болопӯш ва маҳсулоти ҷуроббофӣ, корхонаи "Ваҳдат-текстлай" дар ноҳияи Ёвон, шаҳри Кӯлоб, ва инчунин дар шаҳри Душанбе бо истеҳсоли маҳсулоти ҷуроббофӣ, дастпӯшакбофӣ ва либосҳои тагпӯшӣ бо иқтидори 35 млн. ҷуфт дар як сол, корхонаи "Ҷунтай-Данғара" бо истеҳсоли аз нахи пахта то маҳсулоти ниҳоии нассоҷӣ, корхонаи "Нури Истаравшан" бо истеҳсоли маҳсулоти ҷуроббофӣ бо иқтидори 2 млн. ҷуфт ҷуроб ва дигар намуди маҳсулоти соҳаи саноати сабук ва якчанд корхонаҳои хурду миёна ба истеҳсоли газвор ва либосҳои хушсифати кешбофӣ фаъолият намуда истодаанд. Корхонаи навтаъсиси истеҳсолии Гардӣ, ки 10- уми апрели соли равон бо иштироки Пешвои муаззамми миллат ифтитоҳ ёфт, яке аз корхонаҳои замонавӣ ба ҳисоб рафта, ба истеҳсоли либосҳои гуногуни кешбофӣ машғул мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки нақши гурӯҳи корхонаҳои "Ваҳдат текстлай" дар таъсиси чойҳои нави корӣ, бозомӯзии мутахассисон, ворид технологияҳои муосири инноватсионӣ, ғанӣ намудани буҷет бо андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, беҳтар кардани тавозуни гардиши савдои хориҷӣ инчунин, анҷом додани корҳои созандагӣ ва хайру эҳсонкорӣ назаррас аст.

Хулоса, саҳми истеҳсолоти кешбофӣ дар пешрафти соҳаи саноати кишвар хеле назаррас буда, ҳама корхонаҳое, ки фаъолият карда истодаанд дар давраи истиқлолият таълид ёфтаанд. Баъд аз эълон намудани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди саноат аз тарафи Пешвои муаззамми миллат дар кишвар боз якчанд корхонаҳои саноати кешбофӣ сохта ба истифода дода шуд. Инчунин дар назар аст, ки дар солҳои наздик аз тарафи соҳибкорони ватанӣ боз якчанд корхонаҳои нав бо тамоми техникаю технологияи замонавӣ барои истеҳсоли либосҳои босифати воридотивазкунанда сохта барои таъмини ҳам бозори дохилӣ ва ҳам барои содирот ба дигар мамлакатҳо саҳми худро мегузоранд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло барои дар амал татбиқ намудани Барномаҳои Ҳукуматӣ ва пешниҳоду супоришҳои Сарвари давлат оид ба ҳамбастагии илм ва истеҳсолот дар кафедраҳои тахассусии факултети технология ва дизайн бевосита бо дастгирӣ ва супоришҳои раёсати ДТТ, дар якчанд корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаҳои дузандагии "Гулистон", "Сифат-саноат", "Фасонак", ва инчунин дар корхонаҳои истеҳсолии "Нассоҷи-тоҷик" "Ваҳдат-текстлай", "Гардӣ", "Арвис", корхонаи бофандагии "Пиллаи тоҷик" филиали кафедраҳои факултет амал намуда истодаанд, ки дарсҳои амалии донишҷӯён дар ин корхонаҳо ташкил карда шудаанд.

Ин иқдом барои аз худ намудани дарсҳои ихтисосӣ хеле қулай буда, донишҷӯён барои иҷрои ҳар чораёни технологӣ ва дигар корҳои амалӣ бевосита иштирок намуда дониши худро сайқал медиҳанд ва барои бо чойи кории доимӣ таъмин намудани онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Илова бар ин, ташкили ин намуд дарсҳо дар корхонаҳо барои гузаштан ба низоми таълимии дуалӣ мусоидат менамояд.

**Набиев А.Ғ. ,**
**н.и.т., дотсенти кафедраи технологияи масноути нассоҷӣ**

САҲИФАИ ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ИСФАРА

# РАҲНАМО - ҲИДОЯТИ ПЕШВО



Омӯзгорӣ касби пуршараф ва азизу муқаддас аст. Устодро мардум раҳнамои сӯйи маърифат, нурбахши рӯзгор, кушояндаи асрори илм, тарбиятгари беминнати ҷузъу кул мегуфтанду мегӯянд. Ин гуфтаҳо бе ҳикмат нест. Охир, тамоми бузургон, аз ҷумла ходимони намоёни давлатӣ, олимону эҷодкорон туфайли заҳматҳои зиёди омӯзгорон ба дараҷаҳои баланд расиданд, шуҳратёр шудаанд.

Қадру манзалати устод хосатан дар замони муосир беш аз пеш боло меравад.Туфайли кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифи кишвар пайваста рушду нумӯ мекунад. Сарвари кишвар ба меҳнати омӯзгорон баҳои баланд дода, онҳоро ба ҷорӣ намудани усулҳои наву самараноки таълиму тарбия ҳидоят мекунанд.

Ин ҷо чузъеро аз гуфтаҳои Президенти мамлакат дар Паём ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ овардан аз аҳаммият холӣ нест: "Дар шароити кунунӣ, – таъкид доштанд Пешвои миллат, – баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ҳарчанд ки дар ин самт натиҷаҳои муайян ба даст омадаанд, вале онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд".

Ин гуфтаҳо моро водор месозанд, ки ба иҷрои вазифа боз ҳам дилсӯзонатар муносибат кунем. Аз тамоми имкониятҳои мавҷуда босамару мақсаднок истифода барем. Дар тамоми зинаҳои таҳсилот на ба шумора, балки ба сифат эътибор диҳем. Мутахассисонеро тарбия намоем, ки ҷавобгӯйи талаботи замони муосир бошанд. Хештаншиносиву ватандӯстӣ, эҳтироми миллату муқаддасоти он ба ҷавҳари зиндагиашон табдил ёбад. Ҷалб сохтани таваҷҷуҳи донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, касбомӯзӣ ва ғайра бояд ба мадди аввал гузошта шаванд.

Шукр, ки дар таълимгоҳамон сафи омӯзгорони болаёқат, дилсӯзи касби хеш беш аз пеш меафзояд. Онҳо идомабахши анъанаҳои неку наҷиби гузаштагон буда, дар таълиму тарбия иқдоми навро роҳандозӣ мекунанд, ҳидоятгари насли ҷавон ба шоҳроҳи илму иҷрои корҳои неку хайр гардидаанд. Ҷаҳду талоши онҳо самараҳои нек ба бор оварда истодааст.

Инак, як моҳи аввали соли хониш ҷамъбаст гардид. Натиҷаҳои аввалин собит месозанд, ки омӯзгорони мо масъулияти бузурги наздашон истодаро хуб дарк карда, донишу таҷриба ва кӯшишу ғайрати худро бедареғ ба таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат равона карда истодаанд. Лек як чизи муҳимро набояд фаромӯш кард. Вазъи сиёсии имрӯза тақозо дорад, ки байни ҷавонон ҳам дар хона, ҳам дар таълимгоҳ ва ҳам дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пайваста корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ бурда шавад. Онҳо бояд чӣ будани терроризму экстремизм, чӣ оқибатҳои бад доштани онро дарк кунанд. Бо Ватан будан, онро дӯст доштану обод кардан, ваҳдату ҳамдилӣ ба мароми зиндагиашон табдил ёбад. Танҳо баъди амалӣ сохтани ниятҳои неку созанда омӯзгор рисолати инсонии хешро иҷро ва ба эҳтироми умум ноил гашта метавонад.

Имсол ки рӯзи касбии омӯзгор бо Рӯзи забони давлатӣ рост меояд, кулли омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёнро бо ин идҳои саид самимона шодбош мегӯям. Саломатии бардавом, барору пешравиҳои навин дар таълиму тарбия доимо ҳамнафасу ҳамқадаматон бошанд.

**Ҳошимҷон АБДУЛЛОЕВ,**
**директори ФДТТ дар шаҳри Исфара**

# ВОХӮРИИ СУДМАНД

**Дар ФДТТИ вохӯрии судманд бо раиси суди шаҳри Исфара Мирзозода М., муовини якуми раис Абдуллозода М., муовини раис Низомӣ Ш. ва судя Раҳмонзода М. баргузор гардид.**



Сараввал, директори Филиал, н.и.к. Ҳошимҷон Абдуллоев ҳадафи баргузории мулоқотро дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва тақвияти эҳсоси ватандӯстӣ арзёбӣ намуд.

Дар мулоқот мавзуъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ; зиракии сиёсӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир; пешгирии ифротгароӣ, хурофотпарастӣ ва бегонапарастӣ; ҳисси масъулиятшиносӣ дар хизмати Ватан; сарфакорона истифода бурдани захираҳои миллӣ, аз ҷумла қувваи барқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд ва таъкид гардид, ки ҷавонон бояд таърихи миллатро донанд, ба арзишҳои миллӣ эҳтиром дошта бошанд ва ҳеҷ гоҳ фиребтаи таблиғоти гурӯҳҳои ифротӣ нагарданд.

Дар охир, донишҷӯён ба суолҳои худ посухҳои муфид гирифтанд. Вохӯрӣ дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва рӯҳияи баланди ватандӯстона анҷом ёфт.

**Н. ОРТИҚОВА,**
**мудири шуъбаи тарбия, иҷтимоиёт ва идеология**

# ДОНИШҶӮЁН САВГАНД ЁД КАРДАНД



Чанде пеш дар фазои тантанавӣ ҳамчун рамзи оғози расмии зиндагии донишҷӯйӣ барои ҷавонони навкадам ба соҳаи илму маърифат маросими супоридани билети донишҷӯйӣ ба толибилмони соли аввали филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара баргузор гардид.

Директори Филиал, н.и.к. Ҳошимҷон Абдуллоев донишҷӯёни соли аввалро ба муносибати шарафёб гардиданашон ба номи баланди донишҷӯйӣ шодбош гуфта, онҳоро ба омӯзиши амиқи фанҳои касбӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ даъват намуд ва бо иштироки устодону меҳмонони оликадр ба донишҷӯён билетҳои донишҷӯйӣ супорид.

Барномаи ҷолиби бахши фарҳанг анҷомбахши ҳамоиш гардид ва чорабинӣ бо даъвати донишҷӯён ба меҳнату омӯзиши содиқона дар роҳи илм ва хизмат ба Ватан анҷом ёфт.

**Фараҳшод ҲАМРОҚУЛОВ,**
**мутахассиси бахши ҷавонон, варзиш ва фарҳанг**

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ



Ба пешвози Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гиромидошти арзишҳои истиқлол, шинохти нақши шахсиятҳои ватандӯст дар рушду пешрафти кишвар ва баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ бо ҳузури васеи намояндагони мақомоти давлатӣ, ходимони намоёни сиёсиву давлатӣ, устодону донишҷӯён ва фаъолони ҷомеа дар ФДТТИ конференсияи илмӣ-адабӣ таҳти унвони "Саҳми шахсиятҳои ватандӯст дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол" баргузор гардид.

Дар қисмати расмии ҳамоиш муовини раиси шаҳри Исфара Суруриддин Зиёвaддинзода бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуд.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҷибахон Ҷавҳарӣ аз нақши таърихии Пешвои миллат ва мардуми шарифи тоҷик дар таҳкими пояҳои истиқлол сухан ронд.

Маърӯзаҳои пурмуҳтаво оид ба таҳлили саҳми шахсони барҷаста дар пешрафти соҳаҳои иқтисод, маориф, фарҳанг ва ҷомеа аз ҷониби шахсиятҳои шинохта, аз ҷумла собиқ раиси шаҳр Мирзошариф Исломиддинов, собиқ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулафзо Савриддинова, муовини директори ФДТТИ, н.и.и. Насибахон Шаропова, узви Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Субҳон Ёдгорӣ ироа гардиданд.

Дар фарҷом сурудҳои ватандӯстона табъи ҳозиринро болида карданд.

**М. УМАРОВА,**
**мудири шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмии ФДТТИ**

КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛӢ

# ШОИР, МУРАББИИ МАЪНАВӢ ВА ОМӮЗГОРИ АХЛОҚИ ИНСОНӢ

**Бо ибтикори раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи Рӯдакӣ (22 сентябр) конфронси илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Рӯдакӣ – поягузори назми тоҷику форс» баргузор гардид. Дар ҳамоиш намояндагони раёсати донишгоҳ, олимону омӯзгорон ва донишҷӯёни зиёд ширкат варзиданд.**



Ҳамоишро муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Исомиддин Шарифзода ифтитоҳ намуда, меҳмонони ҳайрамақдам гуфт ва сухани табрикотии ректори донишгоҳ Рахмонзода Зоир Файзалиро қироат намуд. Баъдан андешаҳоишро доир ба аҳаммияти бузурги таҷлили Рӯзи Рӯдакӣ ва нақши ӯ дар ташаккули тафаккури миллӣ баён кард. Аз ҷумла таъкид гардид, ки Рӯдакӣ на танҳо сардафтари адабиёти тоҷику форс аст, балки шахсияти таърихиест, ки бо осори худ роҳи равшани худшиносиву худогоҳии мардумро ҳамвор сохтааст.

Сипас, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзо Солех зимни маърӯзаи пурмазмун симои эҷодии Рӯдакиро аз дидгоҳи илмӣ мавриди таҳлил қарор дод. Аз ҷумла гуфта шуд, ки Рӯдакӣ бо сухани соддаву равон, бо табиати зиндаи шеърӣ ва бо тозагии фикрӣ тавонист сабку услуби навро дар адабиёти тоҷику форс поягузорӣ намояд. Ҳамчунин Мирзо Солех бо овардани мисолҳо аз ашъори шоир нишон дод, ки Рӯдакӣ на танҳо шоир, балки мураббии маънавӣ ва омӯзгори ахлоқи инсонӣ низ будааст.

Баъдан, доктори илмҳои филология, и.в. профессори кафедари гуманитарии ДТТ Нурмахмад Одинаев баромад карда, ба ҷанбаҳои илмӣ ва пажӯҳишии осори Рӯдакӣ ишора намуд. Ӯ таъкид кард, ки омӯзиш ва таҳқиқи осори Рӯдакӣ вазифаи насли имрӯзу ояндаи олимон аст, зеро мероси гаронбаҳои ӯ пояи аслии адабиёт ва фарҳанги миллии мо мебошад. Устод Н. Одинаев зикр намуд, ки аз Рӯдакӣ сарчашма гирифтани адабиёти асрҳои минбаъда як воқеияти таърихист ва бе донистани ӯ, таърихи пурраи адабиёти форсу тоҷикро дарк кардан ғайриимкон мебошад.

Дар идома мушовирон, устодон ва намояндагони раёсати донишгоҳ бо суханронии пурмуҳтаво ширкаткунандагонро табрик гуфта, аҳаммияти баргузории чунин ҳамоишҳоро дар баланд бардоштани маънавиёт, таҳкими худшиносии миллӣ, боло бурдани ҷаҳонбинии илмӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон манфиатбахш арзёбӣ карданд.



**Л. НАБИЕВ,**
**Х. ҲАСАНЗОДА**

****

Бахшида ба Рӯзи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Муассисаи давлатии таълимии Литсейи инноватсионии Душанбеи назди донишгоҳ низ чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла озмунҳои “Рӯзномаҳои деворӣ беҳтарин”, Эссе-и беҳтарин дар мавзуи “Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй...”, иншои беҳтарин дар мавзуи “Ёде аз шеъри сардафтари адабиёти тоҷику форс устод А. Рӯдакӣ” гузаронида шуд ва ғолибон бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Рӯзи 22-юми сентябр бошад, конференсия дар мавзуи “Рӯдакӣ – фарҳангсолори тоҷик” баргузор шуд, ки дар он хонандагони литсей доир ба ҳаёту эҷодиёти устод Рӯдакӣ суханронӣ карда, аз эҷодиёти султони шоирон – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шеърҳо қироат намуданд.

Дар давоми ҳафта соатҳои тарбиявӣ дар мавзуи “Атри шеър ва андарзҳои Рӯдакӣ” гузаронида шуданд.

**М. Абророва,**
**муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Литсейи инноватсионии Душанбеи назди ДТТ**

Нон ҳам нон, нонреза ҳам нон

# АНДАР ИЗЗАТИ НОН

Нон яке аз мӯъҷизаҳои нодир ва манбаи ҳаёти инсон мебошад. Нисбати қадру манзалати он пирони рӯзгордида суханҳои нек ва пандомез гуфтаанд. Ақидаи суннатии ислом ва ибораи аҷдодии халқи тоҷик нисбати бобарории нон ва имон боз як мисоли посдории қадри ин неъмат мебошад. Ҳамчунин сарвари собиқ СССР Леонид Брежнев, ки дар замони роҳбарии ӯ нархи нон ва маҳсулоти нонӣ хеле арзон ва, ҳатто дар ошхонаҳо ройгон буд, ибораҳои беҳтаринро баён намудааст: “Нон бошад, суруд ҳам мешавад!”, “Хлеб - всему голова” ва амсоли ин.

Ҳодисаҳои нокомихои мардум нисбат ба нон дар таърихи асотир, наздик ва кунунии инсоният бешумор ба вуқӯъ пайвастаанд. Давраҳои паёмбарии ҳазрати Юсуф ва қаҳтии гандум дар Мисри Қадим, низоъҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, муҳосираи 3 солаи Ленинград дар солҳои 1941-1944, ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон (солҳои 90-уми асри XX), воқеаҳои имрӯзаи Украина ва Фаластин, пеш аз ҳама, гувоҳи аёни рух додани хисороти башарӣ – гуруснагӣ ва қаҳтии амволи ғизоӣ, махсусан нон, мебошанд.

Хурсандиовар аст, ки талошу заҳматҳои ҳукумати кишвар, махсусан Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати таъмини бозсубoти истиқлолияти озуқаворӣ Тоҷикистон пойдор ва мунтазам мебошад.

Маҳз ба туфайли чунин сиёсати сатҳи давлатӣ ва меҳнати кишоварзони ватанӣ сатҳи зиндагии ҳаррӯзаи мардуми Тоҷикистон пайдарпай беҳ гардида истодааст. Махсусан, таъмини орду нон дар сатҳи баланд қарор дорад.

Хислати “хуби” инсон аз ҷумла дар он аст, ки дар замони осоиштагӣ азобу машаққати сипаригаштаро зуд фаромӯш мекунад ва ба ҳолатҳои манфури беэътиноӣ, масалан, беҳурматӣ нисбат ба нон, даст мезанад.

Солҳои охир, ҳолатҳои исрофи беасоси нон ва маҳсулоти нонӣ, аз он ҷумла, афзудани ҳаҷми он дар партовгоҳҳои шаҳр мушоҳида мешавад. Нони қоқ аз партовҷойҳо ба хӯроки ҳайвонот мубаддал мегардад. Ба ин роҳ додан зуҳуроти камақлӣ ва беодобист. Охир ҳайвонот хӯроки азалии худро бояд дошта бошанд – алаф, кох, партови меваю сабзавот. Пешниҳоди он барои истеъмоли ҳайвонот мумкин аст, аммо бо миқдори кам, на дар ҳаҷмҳои калон ва ҳамарӯза.

Дар ин ҷо на ҳолати зиёдатӣ гардидани нон, балки ҳаҷмҳои калонро ноил гардидани пасмондаҳои нонӣ ташвишовар аст. Ин боз ҳам нишонаи камбинӣ ва беэътиноӣ нисбат ба таҷрибаи талхи таърих, фарҳанг ва ахлоқи ҳамидаи инсон, маданияти ғанӣ ва волои ориёӣ-тоҷикӣ, суннатҳои аҷдодӣ мебошад. Маълум мешавад вақте расидааст, ки диққати ҷомеа, падару модарон, фаъолони ҷомеа, муассисаҳои ахбори омма, дабистонҳо, мактабҳои миёна ва олӣ, аҳли илму адаб ба ин масъалаи мубрами тарбиявӣ-ахлоқӣ ҷалб карда шавад.

Ҳамагон бояд донанд, ки харид ва истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ бояд дар ҳар як оила, ташкилоту муассиса танзим карда шавад. Дар ҳолати барзиёдатии нон аз он хӯроқҳои маъмули ниёгонро пухтан мумкин аст. Истеъмоли нони хушк воситаи безарари табобати як қатор бемориҳои инсон низ буда метавонад. Махсусан, маҳсулоти нонпорчаҳои шур ва таъмнокшудаи мағозавӣ гароннарх ва мавриди истеъмоли васеи наврасон қарор дорад, ки заминаи таркиби номаълум ва аз таркиби маҳсулоти нонӣ фарсаххо дурро доранд.

Роҳ надодан ба исрофи нон ва маҳсулоти нонӣ дар ҳаҷмҳои калон манбаи сарфакорӣ дар буҷаи ҳар як оилаи тоҷикистонӣ ва посдории анъана ва қиматҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошад. Аз ҷумла, эҳтироми бепоёни нон бояд мавзуи мубрам ва мушаххаси гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ дар гурӯҳҳои академии донишкадаву донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ бошад.

Нон боигарии нодир ва нотакрори моддиву маънавии ҷомеаи мо мебошад. Иззат, посдорӣ ва сарфакорона истифода бурдани нон қарзи суннатӣ ва омили муқтадири устуворгардонии истиқлолияти озуқаворӣ кишварамон мебошад.

**С. Зарипов, н.и.ф.м.,**
**дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ**

Фановар
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха*